«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор
Хушвахтзода Қ. Х.
_______________
«___» ____________ 2020

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТО ҶИКИСТОН

Диссертатсияи доктории “Саноӣ ва марҳалаҳои асосии инкишофи назми тасаввуфии форс-тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик дар кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Солеҳов Мирзо Одинаевич аз соли 1989 дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аст. Ӯ соли 1973 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло ДМТ)-ро аз рӯйи ихтисоси филолог, муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст.

Солеҳов Мирзо Одинаевич соли 1987 диссертатсияи номзадии худро дар мавзӯи «Таҳқиқи қиёсии «Калила ва Димна»-и Абулмаолии Насруллоҳ бо «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ» аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои мамолики хориҷӣ (адабиёти тоҷик) ҳимоя кардааст.

Мушовири илмии унвонҷӯ доктори илмҳои филологӣ, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон М. С. Имомзода мебошад.

Мавзӯи диссертатсия дар Шӯрои олимони факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (28.09.2010, қарори №2) ва дар Шӯрои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (30.03.2010, қарори №09) тасдиқ шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Зуҳури адабиёти тасаввуфӣ ва шоирони сӯфию ориф дар таърихи адабиёти форс-тоҷик диди нодир ба каломи ҳунарӣ аст, ки дар адабиёт марҳалаи нави асарофарӣ маҳсуб мешавад. Зуҳуроти мазкур, махсусан, фалсафаи амалии адабиётро таҳкиму тақвият бахшида, муассирии каломи ҳунариро нерӯи қавӣ бахшида шудааст. Ин марҳалаи тозаи адабӣ ба фаъолияти Ҳаким Саноӣ сахт вобаста аст. Ҳаким Саноӣ дар заминаи адабиёти ирфонӣ ба ибтикороти зиёде даст ёфтааст, ки он, бидуни истисно, ба эҷодкори дигаре даст надодааст. Саноӣ бунёдгузори адабиёти тасаввуфӣ ва нигаришгари нобу ҳунарӣ дар тасаввуфу

ирфон дониста шудааст. Адабиёти ирфонӣ бо таъсири Саноӣ тавассути ашъори Фаридуддини Аттор ҳаматарафа таҳаввул карда, бо эҷодиёти Фахриддини Ироқӣ ва Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ба олитарин авҷи рушд расидааст.

Аввалин коре, ки Ҳаким Саноӣ дар таърихи адабиёт сомон додааст, гиреҳ додани каломи бадеъ ба амалия ва назарияи ирфон аст, ки тамоми муҳаққиқони олам дар ин ҷода ихтилофи фикрӣ надоранд ва комилан муттафиқанд. Ҳамчунин, Ҳаким Саноӣ мухтареи назми ирфонию ахлоқӣ ва таълимӣ мебошад.

Таҳқиқу пажӯҳиши рӯзгору ашъори Ҳаким Саноӣ дарёфти симои эҷодӣ ва кашфи қареҳаи тозакору нававар, кашфи инқилоби фикрӣ ва фурӯравӣ ба ботин ё сирати инсони тафаккурсоз аст, ки инсониятро водор сохтааст, то ӯро ҳамчун абарқудрати адабӣ-ҳунарӣ бишиносад ва дар ҳамин замина ҳамчун сарҳалқаи табадуллоти марҳалаи нави таърихӣ маърифат намояд.

Аз диссертатсияи мазкур бармеояд, ки перомуни рӯзгор, дарунмояи осор ва тамоюлҳои фикрии Ҳаким Саноӣ аз ҷониби Халилуллоҳи Х., Бройн Ҳ., С. Ҳумоюн, К. Олимов, М. Разавӣ, М. Мусаффо, М. Ҳиравӣ С. Нафисӣ, Ш. Кадканӣ, М. Ҳусайнӣ, Ш. Шокирзода, З. Мухторӣ, Р. Ҳодизода, Х. Мирзозода, А. Афсаҳзод, Е. Э. Бертелс, И. С. Брагинский, А. Е, Кримский, Э. Браун, Ҳ. Этте, Ян Рипка, Ш. Нуъмонӣ, С. Нисорӣ, Ҷ. Ҳумоӣ, З. Сафо. Р. Шафақ, А. Насриддин, А. Сатторзода, С. Мирбоқирифард, Ғ. Шарифӣ, Ҳ. Оқоҳусайнӣ, И. Туғёнӣ, М. Баротӣ, М. Н. Исфаҳонӣ корҳои қобили таваҷҷуҳе анҷом ёфтааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ.** Таҳлилу таҳқиқи муфассали нақши Саноӣ дар зуҳуру ташаккул ва марҳилаҳои рушди ашъори тасаввуфию ирфонӣ, ифодаи ҳунарӣ ва бунёдгузориву рушди он дар таърихи адабиёти форс-тоҷик мақсади асосии муаллифи диссертатсия мебошад. Барои ҳаллу фасли ин ҳадаф муаллифи рисола дар назди худ чунин вазифаҳо гузоштааст:

- таҳқиқи авомили сиёсӣ-таърихӣ ва маншаъҳои иҷтимоӣ-фарҳангии зуҳури шеъри тасаввуфӣ-ирфонӣ;
- баррасии масъалаҳои марбут ба омилҳои мафкуравии зуҳури назми тасаввуфӣ;
- таҳқиқи пайдоиши аносири жанрии шеъри тасаввуфии форс-тоҷик;
- муайян намудани марҳалаи оғозини пайдоиши назми тасаввуфии форс-тоҷик;
- омӯзиши анвои адабии назми сӯфиёна;
- пажӯҳиш ва шохис сохтани вазъи адабиёти тасаввуфӣ ва аввалин намояндагони он то замони Ҳаким Саноӣ;
- баррасии масъалаи ташаккули адабиёти тасаввуфӣ дар эҷодиёти Саноии Ғазнавӣ;
- баррасии масъалаи инқилоби фикрӣ, зуҳури тағйири ҳол дар рӯҳияи Ҳаким Саноӣ ва таъсири он дар ашъори шоир;

- муайян кардани саҳми Ҳаким Саноӣ дар бунёдгузори шеъри тасаввуфӣ ва ирфонии форс-тоҷик;

- муайян кардани саҳми Ҳаким Саноӣ дар асосгузорӣ ба маснавиҳои ирфонӣ-таълимӣ;

- таъйини навовариҳои Саноӣ дар шаклу мундариҷаи назми тасаввуфӣ ва ташаккули каломи ҳунарии ботингаро;

- таҳқиқи таъсири осори Ҳаким Саноӣ ба адабиёти давр ва таҳаввули баъдинаи назми тасаввуфӣ.

Сарчашмаҳои муҳим ва дараҷаи аввали ин таҳқиқот “Девон”, маснавиҳои Ҳаким Саноӣ, ахбори сарчашмаҳои адабию таърихӣ, осори илмӣ-назариявии асримиёнагӣ, давовини шуарои то Ҳаким Саноӣ ва осори мутасаввифону орифони эҷодкори салаф ба шумор меравад. Ҳамчунин, дар ҷараёни кор зимни таҳқиқу қиёси масъалаҳо муаллиф аз осори илмӣ-таҳқиқие, ки аз ҷониби донишмандони тоҷик ва хориҷӣ перомуни шахсият ва эҷодиёти Саноии Ғазнавӣ ва умуман, назми тасаввуфӣ таълиф шудаанд, ба сифати манбаъҳои ёвар истифода кардааст.

Асосҳои назарӣ ва методологии диссертатсияро асарҳои илмию назариявии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, ба монанди Р. Ҳодизода, А. Мирзоев, А. Афсаҳзод, Э. Браун, М. Бахтин, Ш. Ҳусейнзода, Е. Э. Бертелс, В. М. Бройн, И. Баузани, Ш. Кадканӣ, А. Зарринкӯб, Б. Фурӯзонфар, А. Корбен, Р. А. Николсон, С. Нафисӣ, Тақии Пурномдориён, Насруллоҳи Пурҷаводӣ, М. Қазвинӣ, Лутфалии Суратгар, Х. Шарифов, А. Сатторзода, Б. Мақсудов, А. Абдусаттор, Ш. З. Сӯфиев, М. Нарзиқул, М. Низомов ва бисёр дигарон ташкил медиҳад.

Диссертант дар раванди таҳқиқ асосан аз методи хронологӣ-таърихӣ ва таҳқиқӣ-қиёсӣ истифода кардааст. Ҳамчунин, муаллифи диссертатсия ба усулҳои гуногун, ки дар пажӯҳиши илмҳои ҷомеашиносӣ васеъ истифода мешаванд, такя намудааст.

**Навоварии таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки дар диссертатсия бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик ба масъалаҳои алоқаманд ба шинохти Саноии Ғазнавӣ ба сифати адиби мухтареъ ва кашшоф, ки бо ибтикороти худ дар ташаккули назми тасаввуфӣ саҳм гузошта, каломи ҳунарии ботингарову андешамеҳварро бунёд гузоштааст, пардохта шудааст. Муаллиф, махсусан, ба таҳқиқи мақоми Ҳаким Саноӣ дар дигаргун кардани дарунмояи қасида, ғазал, рубоӣ, қитъа, тарҷеъот ва шеъри тасмит диққат карда, ибтикороту таозакориҳои Ҳаким Саноиро дар дарунмояи анвои адабӣ, мавзӯъ ва мазмуну муҳтавои онҳо таҳлилу баррасӣ кардааст, ки ин масъалаҳо то кунун мавриди пажӯҳиши алоҳида қарор нагирифта буд. Ҳамчунин, дар рисола бори аввал оид ба навъи нови сухани ҳунарӣ дар баёни аҳдофу мақосиди тасаввуфӣ-ирфонӣ ва хоссатан, пайроҳаи эҷодии нахустин солики ҷодаи мазкур баҳс сурат гирифтааст.

Диссертатасия аҳаммияти зиёди назарию амалӣ дорад. Таъсири дучонибаи ислому тасаввуф, созгории ҷанбаҳои назарии онҳо бо суннатҳои адабии устувори анвои лирикӣ ва достонӣ, зуҳури ирфони назарӣ, дар ҳамин замина пайдо шудани шакли нави каломи ҳунарӣ, таҳқиқи асосҳои назарии ташаккулу таҳаввули он ва мақоми Саноии Ғазнавӣ дар ин марҳалаи нави адабӣ аз масоили марказии назариявии таҳқиқот аст. Мавод ва дастовардҳои рисоларо ҳангоми таълифи китобҳои таърихи адабиёти форс-тоҷик, таърихи адабиёти тасаввуфӣ-ирфонӣ ва таҳқиқи рӯзгору осори симоҳои адабӣ ва мушаххассозии пояи эҷодии орифони эҷодкор метавон истифода кард. Ҳамчунин, аз маводи рисола зимни тадриси курсҳо ва семинарҳои ихтисосӣ дар факултетҳои филологӣ, курсҳову семинарҳои марбут ба адабиёти тасаввуфӣ-ирфонии форс-тоҷик ва таълифи корҳои илмӣ-пажӯҳишӣ истифода кардан мумкин аст.

Таҳқиқоти мазкур мақом ва ҷойгоҳи Ҳаким Саноиро дар ташаккул ва таҳаввули адабиёти тасаввуфӣ таъйин карда, ҷанбаҳои ҳунарӣ ва услубию бадеии назми тасаввуфии Саноӣ ва дарунмояи онҳоро муайян менамояд. Дастовардҳои илмии ин таҳқиқот дар ҳалли як қатор масоили адабӣ ва назариявии илмҳои адабиётшиносӣ ва таърихи адабиёти тоҷик заминаи мусоид фароҳам меоварад. Илова бар ин, таъсири Саноӣ дар таҳаввули назми тасаввуфӣ баъд аз вай хеле бузург аст. Ба ашъори ӯ на танҳо мутасаввифону орифон рӯ овардаанд, балки ашъори Ҳаким Саноӣ, умуман, ба маҷрои рушди адабиёти давр ва минбаъда таъсири вофир гузошта, дарунмояи каломи ҳунарии манзуму мансурро пурғановат сохтааст. Инчунин, таъсири ашъори Саноӣ, бидуни истисно, ба адабиёти давр ва минбаъда, ба фалсафа, этикаю эстетика ва дидактика бузург буда, инсонро бо рози шинохти ҳақиқати тасаввуфу ирфон ва анвои гуногуни шеъри сӯфиёна омода сохтааст.

Мундариҷаи асосии диссертатсия дар 2 монография ва 24 мақолаи муаллиф, ки аз он миён 16 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд, инъикос ёфтааст:


1. Солеҳов, М. Оҳангҳои эътирозӣ дар қасоиди Саноии Ғазнавӣ / М. Солеҳов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ.– Душанбе : Сино, 2015. – №4/10 (187). – С. 256-266.
2. Солеҳов, М. Ҳаким Саноӣ ва истиқболи ашъори Рӯдакӣ / М. Солеҳов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №3. – С. 196-200.
3. Солеҳов, М. Ҳақиқати масъалаи як қасидаи мансуб ба Саноӣ / М. Солеҳов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ.– Душанбе : Сино, 2019. – №4. – С. 146-149.

4. Солеҳов, М. Симои занон дар “Ҳадиқат-ул-ҳақиқат”-и Саноӣ / М. Солеҳов // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. – Бохтар: Матбаа, 2019. – №1- 4 (68). – С. 5-9.
5. Солеҳов, М.О. Муаммои вазни маснавиҳои Саноӣ / М. Солеҳов // Номаи донишгоҳ. – Хуҷанд, 2019. – №4 (61). – С. 74-78.
6. Солеҳов, М.О. Гиромидошти фарҳанги хонаводагӣ аз диди Ҳаким Саноӣ / М. Солеҳов // Фарҳанг ва санъат. – Душанбе, 2019. –№4. – С.18-21.
7. Солеҳов, М. Вазъи назми тасаввуфӣ то замони Ҳаким Саноӣ / М. Солеҳов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №8. – С. 192.-196.
8. Солеҳов, М. Ҳаким Саноӣ – бунёдгузори назми тасаввуфӣ / М. Солеҳов // Суханшиносӣ. – Душанбе, 2019. – №3. – С. 115-121.
9. Солеҳов, М. Оғози пайдоиши назми тасаввуфӣ / М. Солеҳов // Паёми донишкадаи забонҳо. (Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ, таърих, фалсафа). – Душанбе, 2019. –№4 (36). – С. 65-72.
10. Солеҳов, М.О. Инъикоси зиндагиномаи Саноӣ дар ду асари ӯ / М. Солеҳов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2019. – №5 (82). – С. 172 – 175.
11. Солеҳов, М. Нავоварии Саноии Ғазнавӣ дар шаклу мундариҷаи назми тасаввуфии форсу тоҷик / М. Солеҳов // Суханшиносӣ. – Душанбе, 2019. – №4. – С. 103-116.
12. Солеҳов, М. Ҳадиқа нахустин асари ирфонӣ-таълимӣ / М. Солеҳов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2019. – №6 (83). – С. 276 – 281.
13. Солеҳов, М. Тағйири ҳол ва таъсири он дар шеъри Саноӣ / М. Солеҳов // Ахбори ДДҲБСТ (силсилаи илмҳои гуманитарӣ). – Хуҷанд, 2020. – №1 (82). – С. 34-40.
14. Солеҳов, М. Таъсири Ҳаким Саноӣ дар инкишофи назми тасаввуфӣ / М. Солеҳов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №1. – С. 206-212.
15. Солеҳов, М. Оид ба масъалаҳои методологии омӯзиши назми тасаввуфии Саноии Ғазнавӣ / М. Солеҳов // Номаи донишгоҳ. – Хуҷанд, 2020. – №1 (62). – С.65-69.
16. Солеҳов, М. Шеър аз нигоҳи Ҳаким Саноӣ / М. Солеҳов // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. – Бохтар: Матбаа, 2020. – №1/1 (71). – С. 5-9.

Диссертатсияи «Саноӣ ва марҳалаҳои асосии инкишофи назми тасаввуфии форс-тоҷик» кори илмии анҷомрасида буда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик мувофиқ аст.

Кафедраи таърихи адабиёти тоҷики ДМТ диссертатсияи Солеҳов Мирзо Одинаевичро дар мавзӯи «Саноӣ ва марҳалаҳои асосии инкишофи назми

тасаввуфии форс-тоҷик» кори илмии баанҷомрасида меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба ҳамаи талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст. Бинобар ин, диссертатсияи мазкурро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик ба ҳимоя тавсия менамоянд.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 15 нафар, аз ҷумла 8 нафар доктори илмҳои филологӣ, 9 нафар номзади илмҳои филологӣ иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 15 нафар, «зид» – 0, «бетараф» – 0, қарори №10 аз 30-юми декабри соли 2019.

Мудири кафедраи таърихи
адабиёти тоҷик, доктори илмҳои
филологӣ, профессор Мисбоҳиддини Нарзиқул

Котиби илмӣ: н.и.ф., муаллими калон А. Ф. Авғонов

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17.
Тел.: +992 372 21 7711
E-mail:tgnu@mail.tj
http://www.tnu.tj

Имзои М. Нарзиқул ва А. Ф. Авғоновро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э. Ш.